«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав»
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат
________________
«__28__» ____08____ 2025 с.

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба диссератсияи Шаҳнозаи Турсунзода дар мавзуи «Калимасозии сифат дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссератсияи Шаҳнозаи Турсунзода таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, он ба таҳқиқи масъалаҳои назариявии таърихи забони тоҷикӣ, таърихи забони адабии тоҷик, лексикология, забоншиносӣ ва таҳлили матни бадеӣ бахшида шуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пурра мувофиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти** диссертатсионии Шаҳнозаи Турсунзода дар мавзуи «Калимасозии сифат дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» дар он зоҳир мешавад, ки дар кори таҳқиқотии диссертант масъалаҳои муҳимме, аз қабили таркиби луғавии забони адабӣ, калимасозӣ, хосса калимасозии сифат дар яке аз асарҳои маъруфи тарҷумаиҳолӣ – «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ мавриди таҳқиқу пажуҳиш қарор гирифтааст. Таҳқиқу баррасии калимасозии ҳиссаҳои нутқ, хосса калимасозии сифат дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, он заминаи асосии дарки дониш ва илми забоншиносӣ буда, дар шароити кунунӣ таҳқиқу баррасӣ намудани он муҳимму саривақтӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин нуқтаи назар, таҳқиқи калимасозӣ ва роҳҳои сохташавии онҳо дар забоншиносии тоҷик хеле муҳим ва зарур буда, то имрӯз ҳарчанд доир ба ин масъала аз тарафи муҳаққиқон таҳқиқотҳои гуногун рӯйи кор омада бошад ҳам, вале калмасозии сифат бо иловаи пешванду пасвандҳо, сохти мураккабу пайвасти онҳо дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ, ки аз вижагиҳои услубии

фардии нависанда дарак медиҳад, дар забоншиносии муосири тоҷик ба таври комилу мушаххас таҳқику баррасӣ нагардидааст.

Аз ин лиҳоз, диссертатсияи мавриди назар вобаста ба калимасозии сифат, корбурди қолабҳои гуногуни калмасозии он дар забоншиносии тоҷик дар асоси манбаъҳои бостонӣ ва даврони муосир кори таҳқиқотии ба анҷом расонида ҳисобидашуда, зимни он шаклгирӣ ва инкишофи калимасозӣ ва роҳҳои он, хосса калимасозии сифат дар забоншиносии тоҷик ба таври мушаххас таҳлилу баррасӣ гардидааст.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд**

Натиҷаҳои тадқиқоти диссертант дар нашриётҳои такризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар маҷаллаҳои конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявию минтақавӣ интишор гардидааст.

Хулосаҳои муаллиф оид ба амалисозии мавзуи мазкур, маводҳои фактологӣ аз адабиёти бадеӣ ва адабиёти гирдоваришуда буда, илман асоснок карда шудаанд.

Дар натиҷаи омӯзиши маводи мазкур аниқ гардид, ки усулҳои гуногуни калмасозии сифат, роҳҳои бо пешванду пасвандҳо сохта шудани онҳо, хосса дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ва забоншиносии тоҷик аз нигоҳи илми забоншиносии имрӯзаи тоҷик ба таври ҷудогона таҳқику пажӯҳиш гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо “Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.11.2020, №647)” иртибот дорад. Мавзуи таҳқиқи мавриди назар як ҷузъи корҳои илмӣ-таҳқикии кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад ва ба мавзуъҳои таҳқиқи илмӣ робитаи зич дорад.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда**

Нававарии пажуҳиш дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар илми забоншиносии муосири тоҷик масъалаи калимасозии сифат дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ мавриди таҳқиқи алоҳида қарор гирифта, вижагиҳои калимасозии сифат ва роҳҳои сохташавии он дар мароҳили гунонун муайян карда шудааст. Дар диссертатсия бори нахуст аз нигоҳи илми муосири забоншиносӣ калимасозии сифат ва роҳҳои ифодаёбии он дар заминаи «Ёддоштҳо»-и устод Садриддин Айнӣ ба таври густурда омӯхта шудааст. Ҳамчунин, аввалин маротиба таъсирпазирии забон ва услуби нигориши осори устод Айнӣ ба адибони баъдӣ ва, пеш аз ҳама, калимасозии сифат дар ин асари мондагори ӯ ва забоншиносии тоҷик баррасӣ гардидааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия**

Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар он аст, ки натиҷа ва хулосаҳои пешниҳодшуда дар он имкониятҳои фаровонеро барои пажуҳишҳои минбаъдаи забоншиносӣ, масъалаҳои марбут ба истилоҳоти забоншиносӣ мукаммал месозад. Моҳияти амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки маводи диссертатсияи мазкурро дар таҳияи китобу дастурҳои таълимӣ аз сарфи забони адабии ҳозираи тоҷик мавриди истифода қарор додан мумкин аст ва ҳамчунин, дар дарсҳои тахассусии мактабҳои олӣ, аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ, махсусан, калимасозӣ, навиштани кори курсӣ, рисолаҳои хатм чун мавод истифода намудан мувофиқи мақсад мебошад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ**

Дараҷаи эътимоднокии кори таҳқиқотии мазкурро дақиқии маълумот, маводи кофии таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот ва гузаронидани таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ собит менамоянд. Хулоса ва тавсияҳои додашуда дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод шудаанд. Ҳамзамон, масъалаҳои муҳимми диссертатсия дар конференсияҳои илмиву амалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-назариявӣ баён гаштааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дараҷаи омӯзишу таҳқиқи илмии олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, асосу заминаҳои амалию назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро мушаххас намуда, дар заминаи ҷамъоварии мавод ва сарчашмаҳои амиқи истифодашуда дар илми забоншиносии тоҷик усулҳои муосири таҳқиқи калимасозиро истифода карда, ба вижа мухтассоти калимасозии сифатро дар «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ аз мавқеи диди калимасозӣ мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор додааст.

Ҳамчунин, саҳми дигари довталаб дар он аст, ки ӯ дар заминаи омӯзиши маводи илмӣ-методӣ ва сарчашмаҳои таҳқиқот, калимасозии сифатро дар забоншиносии муосири тоҷик аз нигоҳи илмӣ муайяну мушаххас намудааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Диссертант муаллифи 20 мақолаи илмӣ марбут ба кори таҳқиқотии худ мебошад, ки аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-

и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 12 мақола дар маҷмуаҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявию минтақавӣ ба чоп расонидааст. Интишороти муаллиф натиҷаҳои асосии диссертатсияро дар бар мегирад. Дар мақолаҳои илмии диссертант муҳтавои тадқиқот ба таври лозима инъикос ёфтааст. Натиҷаҳои таҳқиқ эътимодбахш буда, аз тарафи муаллиф бевосита дар марҳилаҳои гуногун коркард, тасвиб ва баррасӣ шудаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.**

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**

Диссертатсияи ба тақриз пешниҳодгашта аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 173 саҳифаи чопи компютериро фаро мегирад.

**Дар муқаддима** аҳамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объекту предмет, манбаъҳо, асосҳои назарӣ ва методологии илмӣ, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, навгонии илмиву тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлилу баррасӣ шудаанд.

**Боби якуми диссертатсия «Калимасозии сифат бо пешвандҳо дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ»** номгузорӣ шуда, аз фаслҳои гуногуни мутаносиб таркиб ёфтааст.

Фасли якуми боби мазкур «Матолиби муқаддимотӣ» ном дошта, диссертант тавонистааст, дар ин қисмати кор доир ба сайри таърихии сарфи калимаҳо, хосса вижагиҳои сарфии сифат ва роҳҳои сохташавии он маълумоти назариявӣ диҳад. Яъне дар ин бахши диссертатсия муҳаққиқ тавонистааст як маълумоти муфиди назариявиро роҷеъ ба сифат чун ҳиссаи нутқи сермаҳсул, таркиб ва сохташавии он маълумоти зарурӣ диҳад.

Аз ин дидгоҳ диссертант қайд намудааст, ки "Таҳлили осори илмӣ нишон медиҳад, ки дар забоншиносӣ роҳу усулҳои мухталифи калимасозӣ маъмулу машҳур аст. Ҳар як ҳиссаи нутқ вандҳои калимасозии хоси худро доро мебошад. Пасвандҳое низ ба назар мерасанд, ки дар калимасозии якчанд ҳиссаи нутқ ҳамчун морфемаи калимасоз шинохта шудааст. Гузашта аз ин, ба нақши калимасозии калимаҳои мураккаб низ дар забоншиносӣ аз ҷониби олимони соҳа диққати ҳамаҷониба дода шудааст, зеро яке аз роҳҳои ғановати таркиби луғавии забон калимасозӣ мебошад" (Диссертатсия, саҳ. 18).

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки диссертант оид ба таҳлилу баррасии масъала, ки дар ин бахши диссертатсия ҳадафи таҳқиқи муҳаққиқ қарор доштанд, бечуну чаро бароянд ва ба ҳадафу мақсади худ ноил гардад.

**Боби дуюми диссертатсия “Калимасозии сифат бо пасвандҳо дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ”** унвон дошта, дар ин қисмати диссертатсия нақши пасвандҳои сифатсоз дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ мавриди нақду баррасӣ қарор гирифтааст. Маврид ба зикр аст, ки пасвандҳоро аз рӯйи дараҷаи истеъмол ба мисли пешвандҳо ба се гурӯҳ: сермаҳсул, каммаҳсул ва бемаҳсул тасниф намудаанд. Вале нисбат ба пешвандҳо дараҷаи истеъмоли пасвандҳо дар ҳар давру замон васеътар ба назар мерасад. Ҳамин аст, ки диссертант зимни таҳқиқ дар “Ёддоштҳо”-и С. Айнӣ низ ҷойгоҳи пасвандҳои сифатсозро, дар мисоли **-а, -акӣ, -ам, -вар, -гар, -гун, -ук, -уманд, -ик, -сор, -ина, -о, - он, -она, -онӣ, -ин/-гин, -нок, -манд, -ӣ (-гӣ, -вӣ)** муайяну ошкор кардааст, ки онҳо дар асари маврди назар ба таври васеъ истифода шуда ва мавқеи бештар касб кардаанд.

Роҷеъ ба ҷойгоҳ ва мавқеи хосса доштани морфемаи -а дар «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ диссертант дар диссертатсияи хеш чунин овардааст: “Морфемаи -а яке аз пасвандҳои сермаҳсули забони тоҷикӣ маҳсуб ёфта, дар доираи ҳиссаҳои гуногуни нутқ, ба мисли исм, сифат, зарф ва феъл (сифати феълӣ) ҳамчун унсури калимасоз хизмат мекунад. Ин пасванд бештар дар низоми калимасозии исм мавқеи хосса дорад” (Диссертатсия, саҳ. 59-60). Ҳатто дар диссертатсия муҳаққиқ чанде аз калмаҳоеро чун далел овардааст, ки боистифода аз пасвади -а дар асари мавриди назар калмаҳои: **озода, нақда, имрӯза, лозима, беруна, гуреза, нигина, пухта, оқила, болиға, сохта, манзума** сохтаанд ва ин калимаҳо дар асар бештар истифода шудаанд. Ҷумлаи зерин низ дар идомаи ҳамин гуфтаҳо оварда шудааст: **“– Палоси ҳуҷра сода, аммо озода буда, умуман он ҳуҷра дар шароити мадрасаҳои Бухоро барои истиқомати як кас кифоя мекард** (Диссертатсия, саҳ. 60).

Дар умум, ин бахши кори таҳқиқотӣ низ бо мазмуну мухтавои фарогир, таҳлилу таҳқиқи мушаххас хулосабарорию ҷамъбаст гардидааст.

**Боби сеюми диссертатсия «Сохтори сифатҳои мураккаб дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ»** ном гирифта, фарогири се фасл мебошад. Дар ин бахши диссертатсия муҳаққиқ оид ба ташаккулу таҳаввул, роҳу усулҳои сохта шудани калимаҳои мураккаб, инчунин, калимасозии сифатҳои мураккаб ва қолабҳои сохта шудани онҳо маълумоти зарурӣ додааст. Дар фасли якуми ин бахши диссертатсия, ки “Сифатҳои мураккаби пайваст” ногузорӣ шудааст, дар он сифатҳои мураккаби пайваст, роҳу усул ва қолабҳои сохта шудани онҳо мавриди таҳқиқу пажӯҳиши муҳаққиқ қарор гирифтааст. Гуфта мешавад, ки ин усули калимасозӣ дар сохтани сифатҳо каммаҳсул аст ва худи муҳаққиқ

низ дар ин хусус дар диссертатсияи хеш чунин овардааст: "Ин усули калимасозӣ дар «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ яке аз каммаҳсултарин роҳи калимасозӣ ба шумор меравад ва бо ин қолаб беш аз 22 калима сохта шудааст, дар мисоли **дангар-дангар, тиқтиқ, суп-сурх, қатра-қатра, ҳим-ҳим, калон-калон, дароз-дароз, тӯб-тӯб, чакра-чакра, тоза ба тоза, тарсу ларзон, ҷалӣ-калон, дона-дона, сахт-сахт, порча-порча, пеш-пеш, хурд-хурд, хир-хир, кам-кам, гуногун, ҷоноҷон, рангоранг**" (Диссертатсия, саҳ. 111).

Дар маҷмуъ, аз муҳтавои таҳқиқоти мавриди назар маълум мегардад, ки усули қалимасозӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ мавқеи муҳим дошта, нависанда дар қолабҳои гуногун сифатҳои ҷолиби диққат сохтааст, ки он аз маҳорати эҷодӣ ва услуби фардии нависанда дарак медиҳад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссератсияи Шаҳнозаи Турсунзода дар мавзуи «Калимасозии сифат дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу зербобҳо, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи стандарт ва таҳияи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Автореферати диссератсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро комилан фаро мегиранд. Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферат оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия**

Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас доштани диссертатсияи Шаҳнозаи Турсунзода дар мавзуи «Калимасозии сифат дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» баъзе тавсияву эродҳоро пешниҳод менамоем, киислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Нобаробарӣ аз нигоҳи ҳаҷм дар бобҳои диссертатсия ба назар расид, яъне бобҳои дуюму сеюми диссертатсия нисбат ба боби якуми он васеътар шуда омадаанд, ки боиси зиёд шудани ҳаҷми диссертатсия гаштааст.
2. Диссертатсия дорои мазмуну муҳтавои фарогир буда, аммо хулоса ва натиҷагирии он дар ҳашт банд ҷамъбаст гардидааст, яъне диссертант метавонист бандҳои хулосаро зиёдтар нишон диҳад.

3. Тибқи анъана хуб мешуд, ки диссертант ҳар як боби диссертатсияро бо хулосаи алоҳида ҷамъбаст менамуд, яъне баъди ҳар як боб хулосаи алоҳида меовард.
4. Рӯйхати адабиёт низ ҳарчанд ба се гурӯҳ (асарҳои илмӣ, луғатҳо, манбаъ), тақсим шудаанд, хуб мебуд диссертант сарчашмаҳои русӣ ва ва маводҳои электрониро дар алоҳидагӣ нишон медод.
5. Дар диссертатсия ва автореферат ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат хоҳад кард (Диссертатсия, саҳ. 5, 7, 11, 13, 20, 32).

Дар маҷмуъ, эродҳои ишорашуда ҷузъӣ буда, ба аҳаммияти таҳқиқоти баанҷомрасида таъсири манфӣ нахоҳад расонд ва ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**

Хулоса, ҳар як боби диссератсия бо мазмуну муҳтавои фарогир ба охир расида, ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки масъалаҳои дар диссертасия матраҳгардида ҳалли худро пурра ёфтаанд. Муаллифи диссератсия натиҷаҳои асосии таҳқиқоти худро дар 8 банд ҷамъбаст кардааст, ки аз аҳаммияти назарраси назарӣ ва амалӣ холӣ нестанд.

Дар маҷмуъ, диссератсияи Шаҳнозаи Турсунзода дар мавзуи «Калимасозии сифат дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат намуда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқарраароти бандҳои 76-79 ва 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби аъзоёни кафедраи забони тоҷикӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Назаров Меҳрубон Ниёзмадович (раисикунанда), номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори кафедра Зоирзода Холмурод Сафаралӣ (эксперт), номзади илмҳои филологӣ, саромӯзгори кафедра Раҳмонов Маҳмурод Бегмуратович (котиб) омода гардидааст.

Муҳокима ва баррасии диссертатсия тибқи талаботи имрӯза дар кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷик, ки чун муассисаи тақриздиҳанда муайян шудааст сурат гирифта, муаллифи он Шаҳнозаи

Турсунзода сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

Тақриз ба диссертатсия ва автореферати он аз ҷониби муассисаи тақриздиҳанда дар ҷаласаи навбатии кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», суратҷаласаи №1 аз 26.08.2025 тасдиқ карда шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра 7 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “тарафдор”- 7 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, мудири
кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав **Назаров Меҳрубон Ниёзмадович**

**Эксперт:**
номзади илҳои филологӣ, омӯзгори
қафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав **Зоирзода Холмурод Сафаралӣ**

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ,
саромӯзгори кафедраи
забони тоҷикии Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав **Раҳмонов Маҳмурод Бегмуратович**

Имзоҳои М.Н. Назаров, М.Б. Раҳмонов
ва Зоирзода Х.С.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» **Исозода Тоҷиддин Исо**
**«_27_»_____08_____ соли 2025**

735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
тел: (83222)02-45-20;02-22-53
E-mail: bgu1978@mail.ru,
Сомона: http://www.bgu.edu.tj